# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод гардидааст.

Унвонҷӯй Самадов Миршод Самадович мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам буда, шароити муосир, алахусус рушди босуръати илму технология зарурати соҳиби салоҳиятҳои асосии ҳаётӣ, алалхусус, салоҳиятҳои касбиро ба миён гузоштааст ва дар ин ҷода дорои тафаккури мантиқиву таҳлилӣ, салоҳияти дарки тағйироти ҳамарӯза баамалоянда ва малакаҳои кор бо иттилоот аз салоҳиятҳои асосии омӯзгори замони муосир дониста мешавад.

Ин масоил ва дигар мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби ҷаҳони муосир водор месозанд, ки омӯзгорон дорои маҳорату малакаҳои аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод рушдёфта бошанд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сифатҳои касбии хешро мунтазам такмил ва ташаккул диҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанҳои гуногун, аз он ҷумла, сатҳу сифати таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон низ муҳим ва саривақтӣ аст. Зеро самти дигаре, ки бевосита мавриди диққати махсуси давлату ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад – ин солимии насли наврас ва масъалаи тарбияи ҷисмонии онҳо маҳсуб меёбад.

Дар воқеъ, дар ҷараёни таълими тарбияи ҷисмонӣ ташаккули солимӣ ва тарзи ҳаётисолими хонандагон аз ҳама асосӣ буда, раванди таълими фанни тарбияи ҷисмониро бидуни он тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро саломатии хонандагон омили аз ҳама асосӣ дар азхудкунии маводи омӯхташуда маҳсуб меёбад.

Дар ин росто, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки то имрӯз масъалаи ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашудааст ва масъалаи тайёрии касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ бояд таҷдиди назар карда шавад. Барои ин шароитҳое фароҳам овардан зарур мебошад, то ба донишҷӯён имкон диҳад, ки дар раванди таълим дар донишкада дар

худ сифатҳои муҳими касбиро ташаккул диҳанд. Барои ин мебояд бо дарназардошти технологияҳои инноватсионии илмӣ-педагогӣ низоми нави амалкунанда ва рушдёбандае таҳия намуд, то ки омода сохтани омӯзгори дорои сифатҳои навро таъмин созад.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи бардоштани сатҳу сифати омода намудани омӯзгорони муосири тарбияи ҷисмонӣ дар системаи таҳсилоти олии педагогӣ ва дар замони муосир басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин, мушикфона онҳоро арзёбӣ карда, андешау мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи асосу шароитҳои педагогии пешниҳоднамудаи маллифи рисоларо дар мисоли ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Зеро барои омӯзгорони тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташаккули сифатҳои касбӣ бисёр муҳим ва масъалаи ҳаётӣ маҳсуб меёбад.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Самадов Миршод арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дақиқ ошкор ва муайян карда, амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"-ро таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳандозӣ кардааст, ки самарнокии худро собит кардааст.

Мутмаинона изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳия ва пешиҳодкардаи довталаб такмили раванди таълими фанни тарбияи

ҷисмониро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар самти ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Самадов Миршодро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустакилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
Саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода М.Б.

18.01.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи С.Айнӣ 126. Тел.(+992) 900 85 35 35; E-mail:takmil-bbk@mail.ru

*Имзои Каримзода Мирзо Бадалро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳои АТТ* *М. Саидова*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ